«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
**Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Насриддинзода Э.С.** ____________________
«__5__» ___марти___ соли 2026

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи номзадии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Асадуллозода Абдулазиз Асадулло унвонҷӯи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба шумор мерафт.

Асадуллозода Абдулазиз Асадулло соли 2016 ба шуъбаи рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2020 аз руйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ хатм намудааст.

Пас аз хатми Донишгоҳ номбурда барои идомаи таҳсил дар зинаи магистратура ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ихтисоси ҳуқуқшиносӣ дохил шуда, онро соли 2022 аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ бо дипломи аъло хатм кардааст.

Аз соли 2022 ба ҳайси ассистенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон то ба имрӯз фаъолият намуда истодааст.

Номбурда бо фармоиши ректор аз 05.12.2024, № 489-05 ба ҳайси унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул шудааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шурои олимони факултети ҳуқуқшиносии ДМТ аз 15-уми январи соли 2025, суратмаҷлиси №6 тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** Мирзозода Парвон Зайналобудин – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад.

Маълумотнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз 27 феврали 2026, №27 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дода шудааст.

Диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии

Тоҷикистон 28 феврали соли 2026 №9 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Оид ба натиҷаи баррасии диссертатсияи Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», чунин хулоса қабул карда шуд:

1. **Мутобиқати ихтисос ва номи мавзуъ ба шиносномаи ихтисос ва муҳтавои диссертатсия.** Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода шудааст.

2. **Алоқамандии мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» алоқаманд мебошад.

3. **Мутобиқати теъдод ва мазмуни интишороти натиҷаҳои илмӣ ба муҳтавои диссертатсия ва автореферати он.** Натиҷаҳо, хулосаҳо, тавсияҳо ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия баён шудаанд, дар 1 воситаи таълимӣ, 11 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар маҷаллаҳое, ки ба феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохиланд, чоп шудааст. Мақолаҳои нашргардида фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикос ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, мутобиқ мебошад.

4. **Мавҷудияти санадҳои тасдиқкунандаи татбиқи натиҷаҳои илмӣ дар истеҳсолот ё имконияти татбиқ намудани онҳо.** Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот бо таҳия ва баррасии масъалаҳои мубрами муносибатҳои шартномавӣ: масоили танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) ва таъмини шартҳои иҷрои шартнома муайян мегардад. Ин таҳқиқот барои мақомоти давлатӣ, ки масъалаҳои сармоягузорӣ, хариду фурӯши хонаҳои истиқомати дар биноҳои баландошёнаро амалӣ мекунанд ва барои субъектҳои хоҷагидоре, ки бевосита дар фаъолияти бонкӣ иштирок мекунанд, арзиши илмӣ ва амалӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми такмили қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ ва бонкӣ, инчунин дар амалияи судии судҳои иқтисодӣ, судҳои умумӣ ва идораи нотариалии Тоҷикистон истифода шаванд.

Илова бар ин, баъзе муқаррароти диссертатсия метавонанд ҳамчун асос барои таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, ва бонкӣ, инчунин омӯзиши механизмҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои хусусӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот инчунин дар истифодаи он дар раванди тартибдиҳии барномаҳо, китобҳои дарсӣ, ва лексияҳои фанҳои «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи бонкӣ» ва дар доираи курсҳои махсус дар факултетҳои ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олӣ зоҳир мешавад.

**5. Саҳми довталаб дар иҷрои таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ғайра арзёбӣ мегарданд.** Диссертатсияи номзадии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, мубрам ба ҳисоб рафта, барои илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад.

Нававарии кор аз он иборат аст, ки муаллиф бо дарназардошти таҳлили адабиёти илмӣ, қонунгузории миллӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи судӣ, маълумоти оморию маълумотҳои дигари мақомоту ташкилотҳо дар ин самт мавзуи мазкурро мавриди таҳлил қарор дода, дар ин замина бо мақсади муайян намудани мафҳуму хусусиятҳои шартномаи эскроу, таносуби он аз дигар шартномаҳо, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, муайяннамоии мавзуъ ва объекти ин шартнома таҳлилҳо ва пешниҳодҳои судмандро манзур намудааст. Ин таҳлилҳо саҳми муҳим дар рушди илми ҳуқуқшиносӣ мегардад. Масалан:

1. Бо дарназардошти мубрам будани муайяннамоии табиати ҳуқуқии шартномаи эскроу, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқӣ бо қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, аз байн бурдани номукаммалии қонунгузорӣ, мушаххасан муайян намудани вазъи ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу ва барои рушди бемонеаи падидаи мазкур дар ҶТ ворид намудан ва хориҷ намудани муқаррароти КМ ҶТ-ро дар қисматҳои зерин ба мақсад мувофиқ мешуморем: а) таҳлилҳо нишон медиҳад, ки доираи амали шартномаи эскроу васеъ буда, муқаррар намудани муҳлат дар он тариқи қонунгузорӣ барои рушди ин падида метавонад монеа эҷод намояд, бахусус дар соҳаҳои сармоягузорӣ, сохтмон ва монанди инҳо. Дар робита ба ин, ба зиммаи тарафҳои шартнома гузоштани муҳлати бастани шартномаи мазкур принсипи озодии шартномаро таъмин намуда, озодона мувофиқ ба иродаи худ амал кардани онҳоро ба вуҷуд меорад; б) шартномаи эскроу худ шартномаи кафолатӣ буда, дар заминаи қонунгузорӣ муқаррар

намудани талаботи нотариалӣ нисбат ба он ба тарафҳои шартнома сарбории иловагиро ба вуҷуд оварда, то ҳатто метавонад хавфҳои коррупсиониро ба миён орад. Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки талаботи нотариалӣ ҳангоми бастани шартномаи мазкур хориҷ карда шавад; в) бо мақсади боз ҳам ба таври воқеӣ танзим намудани муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ дар ин самт ҷорӣ намудани падидаи Интерннет-эскроу ҳангоми бастани шартномаҳо тавассути Интернет-мағозаҳо қобили қабул буда, дар ин замина бо мақсади рушди падидаи мазкур муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ дар ин самт мувофиқи мақсад мебошад.

2. Тибқи қонунгузорӣ дар ҳудуди ҶТ нотариусони хусусӣ фаъолият намекунанд. Дар заминаи таҳлили қонунгузории амалкунанда ва таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ метавон чунин хулоса баровард, ки дар номгӯйи асосҳои қатъ гардидани шартномаи суратҳисоби бонкии амонатии оммавӣ ва муқаррароти м. 1039 КМ ҶТ номбар кардани вафоти нотариус ба қонунгузории амалкунандаи ҶТ мувофиқат намекунад, зеро дар мамлакат танҳо низоми давлатии нотариат эътироф гардидааст. Вобаста ба ин, мақсаднок аст, ки идораи нотариалии давлатӣ ҳамчун агент дар шартномаи эскроу эътироф карда шавад.

3. Бо дарназардошти омӯзиши адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ метавон чунин мафҳуми қатъ шудани шартномаи эскроуро пешниҳод намуд: «Қатъ шудани шартномаи эскроу асосҳои дар қонунгузорӣ пешбинишудаеро дар назар дорад, ки ҳангоми ба вуҷуд омадани онҳо ҳуқуқу уҳдадориҳои тарафҳои ин шартнома (амонатгузор, агент ва бенефитсиар) амалан қатъ гардида, иҷроиши уҳдадориҳои дигарро ба вуҷуд намеорад».

4. Бо таҳлили қонунгузорӣ ва адабиёти илмӣ метавон ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроуро тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самтҳои зерин муайян намуд: 1) рӯёнидани ноустуворона; 2) рӯёнидани зарари моддӣ ва маънавӣ; 3) муқаррар намудани уҳдадорӣ оид ба иҷрои талаботи шартномаи эскроу ва суратҳисоби эскроу; 4) манъ кардани яктарафа қатъ кардани шартнома.

Диссертатсияи номзадии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба ихтисоси интихобшуда пурра мутобиқат мекунад.

Мавзуи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисосҳои илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мутобиқат мекунад.

Диссертатсия аз муқаддима 3 боб 7 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиётҳои истифодашуда иборат мебошад.

Вобаста ба мавзуъ ва масоили таҳқиқи диссертатсионӣ 1 воситаи таълимӣ, 11 мақолаи илмӣ нашр гардидаанд. Аз инҳо 5 мақола дар тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 6 мақола дар маҷалаҳои дигар ба нашр расонида шудааст.

Мундариҷаи асосии таҳқиқ аз руйи мавзуи диссертатсия дар таълифоти зерини муаллиф инъикос ёфтааст.

**I. Монография ва маҷмуаи таълимӣ-методӣ:**

**[1-М].** Абдулазизи, А. Ҳуқуқ. Воситаи таълимӣ барои факултетҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Матн]: нашри якум // Зери таҳрири н.и.х., дотсент Ғ.М. Бобокалон // А. Абдулазизи, М.З. Раҳимзода, Д.Ш. Сангинзод, Ф.Ҳ. Азамақулов, Н. Шонасриддинов, Р.В. Мирбобоева, О.А. Мавлоназарзода, Х.С. Каримов, И.М. Шарифов, С.И. Исмонализода, М.Ҷ. Мансурӣ, Р.М. Хоҷаева, П.З. Мирзозода, И.З. Саъдиев, Ғ.М. Бобокалон, С.К. Ризоева, Ш.С. Шаъбонов, Ф.А. Амирзода, Э.Д. Кабутов – Душанбе: «МДМТ», 2025 – 274 с.

**II. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда ва тавсиякардаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд:**

**[2-М].** Абдулазизи, А. Шартномаи эскроу (амонатгузории шартӣ) дар низоми ҳуқуқии Тоҷикистон [Матн] / А. Абдулазизи, Б.С. Шерзода // Қонунгузорӣ. – 2025. – №1 (57). – С. 180-188. ISSN 2410-2903.

**[3-М].** Абдулазизи, А. Мафҳум ва моҳияти шартномаи шартӣ (эскроу) [Матн] / А. Абдулазизи // Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон. – 2025. – №2 (38). – С. 226-233. ISSN 2414 9217.

**[4-М].** Абдулазизи, А. Тарафҳои шартномаи эскроу ва вазъи ҳуқуқии онҳо дар муносибатҳои шартномавӣ [Матн] / А. Абдулазизи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2025. – №12. – С. 298-307. ISSN 2413-5151.

**[5-М].** Абдулазизи, А. Мавзуи шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) [Матн] / П.З. Мирзозода, А. Абдулазизи // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2026. – №1. – С. 197-303. ISSN 2413-5151.

**[6-М].** Асадуллозода, А.А. Таносуби шартномаи эскроу (ба амонатгузории шартӣ) бо дигар шартномаҳои ҳуқуқии маданӣ [Матн] / А.А. Асадуллозода // Қонунгузорӣ. – 2026. – №1 (61). – С. 85-92. ISSN 2410-2903.

**III. Мақолахое, ки дар маҷмуаҳо ва дигар нашрияхои илмӣ-амалӣ ба табъ расидаанд:**

**[7-М].** Абдулазизи, А. Ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон мувофиқи қонунгузории ҶТ [Матн] / А. Абдулазизи // Маводҳои мизи мудаввар дар мавзуи

«Иҷрои санадҳои судӣ барои ситонидани маблағ ба манфиати соҳибкорон яке аз кафолатҳои ҷолибияти инвеститсионӣ дар кишвар» (ш. Душанбе, 2021). – С. 41-47.

**8-М].** Абдулазизи, А. Моҳияти ҳуқуқии шартномаи эскроу [Матн] / А. Абдулазизи // Маводи конференсияи ҷумҳуривии илмию назариявии ҳайати устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон», «115-солагии академик Бобоҷон Ғафуров», «Соли 2023 – Соли забони русӣ» ва «Соли 2025 – Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо». – Душанбе, 2023. – С. 247-154.

**[9-М].** Абдулазизи, А. Суратҳисоби эскроу дар сохтмони ҳиссагӣ» [Матн] / А. Абдулазизи // Маводҳои конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 100-солагии Виктор Аркадевич Ойгензихт таҳти унвони «Танзими ҳуқуқии сайёҳӣ ва сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» – Душанбе, 2024. – С. 180-186.

**[10-М].** Абдулазизи, А. Табиати ҳуқуқии падидаи эскроу [Матн] / А. Абдулазизи // Маводи конференсияи илмӣ назариявии профессорону омӯзгорони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бахшида ба «30-юмин солагарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ». – Душанбе, 2024. – С. 177-185.

**[11-М].** Абдулазизи, А. Пайдоиши падидаи эскроу дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / А. Абдулазизи // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ – омили тарбияи ҷавонон дар ҷомеаи муосир» бахшида ба эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Хоруғ, 2024. – С. 7-13.

**[12-М].** Асадуллозода, А.А. Ҷавобгарии ҳуқуқии тарафҳои шартномаи эскроу [Матн] / А.А. Асадуллозода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар асоси Барномаи давлатии «Муқовимат ба ҷинояткорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2030» ва бахшида ба 35- солагии истиқлолияти давлатии Ҷумхурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2026. – С. 196-210.

Дар маҷмӯъ, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯ Асадуллозода Абдулазиз Асадулло аз ҷониби кафедраи хуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пажуҳиши анҷомёфта дониста шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи номзадии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории

Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ кори анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи номзадии Асадуллозода Абдулазиз Асадулло дар мавзуи «Масъалаҳои танзими ҳуқуқии шартномаи эскроу тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз руйи ихтисоси 5.5.3. Ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ бо назардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя ба шурои диссертатсионӣ 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид:

Иштирок доштанд: 22 нафар, аз ҷумла, 3 нафар доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 11 нафар номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, 2 нафар муаллими калон, 5 нафар ассистентон, 1 нафар лаборанти кафедра. Натиҷаи овоздиҳӣ «тарафдор» – 22 нафар, «зид» – 0 нафар, «бетараф» – 0 нафар. Суратмаҷлиси №9 аз 28-уми феврали соли 2026.

**Раискунандаи ҷаласа:**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Давлатмандзода Э.Д.

**Котиби ҷаласа:**
лаборанти кафедра Маҷидова Р.С.

Имзои Давлатмандзода Э.Д. ва Маҷидова Р.С.-ро
тасдиқ мекунам:
Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.
«5» 03. соли 2026

Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: 2217711, факс: 2271510
Почтаи электронӣ: info@tnu.tj,
сомонаи интернетӣ:www.tnu.tj